Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ): бандҳои 1 Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо: банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ: тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот

Диссертатсияи номзадии Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои тарбия ва ташаккули ватандӯстӣ дар наврасон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва психофизиологии онҳо иҷро карда шудааст. Таъмин намудани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, ки инсон чун муҳити иҷтимоии доимо инкишофёбанда ва тағйиру такмилёбанда ба дунё омада, чун шахсияти арзишманд ташаккул меёбад, худ муҳити таълиму тарбия аст, ки он дар илми муосир чун соҳаи педагогикаи халқӣ, мардумӣ – этнопедагогика эътироф ва арзёбӣ гардидааст. Он дар худ таҷрибаи бисёрасраи ҳар як халқу миллатро гирд оварда дар муҳити иҷтимоӣ-педагогии оила, муассисаҳои таҳсилотӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию давлатӣ, мақомотҳои давлатию ғайриҷамъиятӣ аз насл ба насл дода мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии маънавӣ-ахлоқӣ буда, он меҳвари ғояҳои миллиро ташкил менамояд. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияту зиндагии хурду бузургсоли он таъсиргузор гардидааст, ба тарбия ва раванди ташкилу баргузории он бе

таъсир намондааст. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавӣ ба макони арзишҳои миллӣ, тарбия дар хонаводагӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҳаёти фарҳангии иҷтимоӣ таъсир расонда ба хурду бузургсоли ҷомеа дастрасии технологияҳои навини иртиботӣ-иттилоотиро таъмин намуд. Онҳо бо баробари роҳандозӣ намудани густариши ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, инчунин интиқоли иттилоот ба дунёи маънавӣ-ахлоқии кӯдакону наврасон ворид гардидаанд. Омили тағйир ва коҳиш ёфтани этнофарҳангии халқу миллатҳо шудаанд, ки зарурияти эҳё ва такмили истифодаи таҷрибаи тарбиявии халқ мебошанд.

Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккул ва камолоти минбаъдаи шахсияте нигаронида мешавад, ки ӯ бояд дорои сифатҳои худогоҳию худшиносӣ, шаҳрвандию ватанпарастӣ бошад, ки дар ҳамаи вазъиятҳо тавонад бо сифатҳои мардонагию ватандӯстӣ таҳдиди хавфу хатарҳо ба марзу буми Ватан, осудагию осоиштагии халқу давлати худро муҳофизат намояд, арзишҳои моддию маънавию ахлоқии гузаштагонро ҳимояву афзун карда ба воридшавии ғояву андешаҳои бегонаи ифротӣ дар байни худ ва ҳамватанон роҳ надиҳад. Муҳаққиқ иҷрои чунин вазифаҳои мураккаб ва мубрамро ба ҳисоб гирифта истифодаи омилҳои этнопедагогиро ҳамчун воситаи тарбияи наврасон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ (М.Арипов (Орифӣ), М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, Х.Афзалов, Х.Раҳимзода, Б.Рахимов, А.Нуров, М.Г.Рачабов, Б.Мачидова, Ш.А.Сафаров ва дигарон) ва хориҷӣ (Г.Н.Волков, Д.И.Фелдштейн, И.С.Кон ва дигарон), ки онҳо ба масъалаи истифодаи этнопедагогика дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли ҷавон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, омӯхта аз он чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст. Инчунин рафти кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба таҳлилу баррасии талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаи маориф, ки дар онҳо иҷрои мақсаду вазифа, мазмуну муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ дар низоми таҳсилот ва барномавӣ-методикӣ, ки мундариҷа ва мазмуни тарбияи ватандӯстӣ маънавӣ-ахлоқӣ муайян карда шудаанд, ҳамчун заминаи методологӣ чун мутахассиси соҳаи мактабу маориф таҳлили маводҳои арзишманд пешкаш гардидаанд.

Дар заминаи муайянсозии ихтилофҳо оид ба истифодаи омилҳои этнопедагогӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа ба нақша ва дастгоҳи илмии дар низоми таҳқиқот пайгирӣ карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия ва асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма,

методҳои назариявию амалии таҳқиқот, навгониҳо, аҳмияти назариявию амалии кор, инчунин ғояҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешкаш карда шудааст.

Мақсад таҳқиқотро омӯзиш ва пажӯҳиши роҳҳои самараноки истифодаи этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстии наврасон буда, вазифаҳо мувофиқ ба иҷрои мақсади таҳқиқот интихобу баррасӣ ва иҷро гардидаанд. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ мантиқан бо ҳам пайваст буда, дар фарзияи илмии коркарду пешниҳодгардида имконпазири истифодаи этнопедагогикаро дар тарбияи ватандӯстии наврасон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синну солию фардии наврасон ва ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таъкид менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро омӯзишу маводҳои назариявӣ, ки он имконияту неруи муҳити иҷтимоӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасон аз ҳамкории волидону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ бармеояд, ташкил намудааст. Таҳлили асноди қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки ғояҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, педагогиро оид ба ҳувияти миллӣ ва равияи ватандӯстӣ дар мафкураи илмӣ муайян гардидааст, ташкил намудаанд. Инчунин ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки онҳо дар этнопедагогикаи тоҷик ифода ёфтаанду вобаста ба пешрафти ҷомеа тағйиру такмил меёбанд ва таҳқиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ, ки нақши арзишҳои маънавиро дар тарбияи ватандӯстии шахсият таҳқиқу баррасӣ кардаанд, аз тарафи муҳаққиқ чун асоси методологии таҳқиқот интихоб ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Сарчашмаи маълумот барои кори таҳқиқотии мазкур ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методии низоми таҳсилот, суханрониву Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас, инчунин асари бунёдии Б.Ғафуров «Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав» мебошанд, ки муҳаққиқ зимни омӯзиш маълумот оид ба макон, замон, ғояҳои қаҳрамонони халқи тоҷик дастрас намуда, зарурияти истифодаи онро дар фаъолияти тарбиявии омӯзгорону волидон нишон додааст.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти мазкур аз васеъ кардани донишу маълумотҳо оид ба арзишмандии этнопедагогикаи миллӣ чун таҷрибаи тарбиятии халқ бармеояд, ки он нерую тавоноии хешро тули садсолаҳо исбот кард. Имрӯз низ аз нигоҳи фалсафӣ-сотсиологӣ ба он назар андозем ҷузъи муҳими фарҳанги муаррификунандаи халқу миллат

дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Дарки мафҳуми Ватан, ватандӯстӣ, худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ маҳз аз истифодаи унсурҳои асосии мутааллиқ ба халқу миллат – забон, одату анъанаҳо, фарҳанги моддию маънавӣ, тарзи муошират муносибат ва ғайраҳо бармеояд. Вақти он расидааст, ки таҳқиқоти мазкур барои таҳқиқи дигар унсурҳои этнопедагогӣ замина гардида, дар тарбия ва ташаккулёбии насли ватандӯсти соҳиби ахлоқи миллию умумибашарӣ хизмат намояд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи он дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ифода гардидаанд дар: бо таври мақсаднок истифодабарии асосҳои назариявӣ ва методологии масъалаи таҳқиқотшаванда; интихоби дурусти методҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва дуруст истифодабарии онҳо, ки ба мақсаду вазифаи таҳқиқотӣ мусоидат намуда амалӣ гардидани фарзияи илмию нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо таъмин гардондаанд; барқарор намудани муошират муносибат ба озмудашавандагон (омӯзгорон, хонандагону волидони онҳо), таҳлилу натиҷагирӣ аз вазъи истифодаи омилҳои этнопедагогӣ дар назарияю амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон ва кори озмоишӣ-таҷрибавӣ; хулосаҳо ва тавсияҳои илмию методӣ, ки аз донишу маълумот ва фаъолияти касбию иҷтимоии муҳаққиқ бармеоянд.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони иҷтимоӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар се боб ва 6 зербобҳо ифода ёфтаанд ва бо иловаи муқаддима 200 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, 231 номгӯи адабиётҳои истифодашуда бо 4 ҷадвал, 2 диаграмма, 3 тасвир ва замимаҳо он ба расмият дароварда шудааст.

Боби якум «**Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун масоили иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогӣ**» номгузорӣ гардида, маводҳои илмӣ дар ду зербоб ҷой дода шудаанд.

Зербоби аввали боби якум ба бо таҳлилу баррасии масъалаи «Асосҳои назариявӣ, педагогӣ ва методологии тарбияи ватандӯстии наврасон дар ҷомеаи муосир» бахшида шуда, дар он муҳаққиқ зери таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти олии кишвар қарор гирифтани масъалаи мазкурро таъкид намудааст. Мақсади тарбияи ватандӯстиро дар насли наврас ташаккул додани хислатҳои баланди иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва тадбиқи онҳоро

ба манфиати ҷомеа ва давлат арзёбӣ намуда, сабабҳои ба ин раванд таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқон бо истифодаи омилҳои этнопедагогӣ шарҳ дода шудааст. Дар ин зербоб мазмун, принсипҳои тарбияи ватандӯстӣ, арзишмандии фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, психологӣ, фарҳангӣ педагогии он таъкид карда шудааст. Мавҷудияти асосҳои илмӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии он аз нигоҳи академик Б.Ғафуров, Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон, рушди ғояҳои он дар афкори фалсафӣ ва адабӣ-педагогии классикони адабиёти тоҷику форс мавриди таъкиду ёдоварӣ гардидааст. Инчунин маълумот дар бораи марҳилаҳои таърихии шаклгирии ғояҳои ватандӯстӣ ва таҳаққуқи тарбияи ватандӯстӣ маълумот гирд оварда шуда, самтҳои инсонгароӣ доштани он на танҳо бо халқу миллатҳои алоҳида, инчунин ба наҷоти ИНСОН ва тамоми Сайёраи Замин таъкид шудааст.

Дар зербоби дуюм «Этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ» тарбияи ватандӯстиро маҳз дар синни наврасӣ аҳмиятнок ҳисобида муҳаққиқ андешаҳои худро дар зерхати зайл исбот намудааст. Аввало, этнопедагогика ҷузъи таркибии фанни педагогика вижагиҳои характери миллиро ташаккул додааст, ба шуури одамони хурду бузургсоли халқ ворид гардида унсурҳои фарҳанги зеҳнӣ, ахлоқӣ-маънавии меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои шахсиятиро ташаккул медиҳад, анъанаҳои тарбиятиро эҳё ва такмил медиҳад. Сониян, инсон дар муҳити этнопедагогии оила ба дунё омада рушд меёбад, таҷрибаи иҷтимоии пешгузаштагонро, ки дар зарбулмасалу мақолҳо, ривояту достонҳо, одату анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва меҳнату муошират аз насл ба насл дода мешавад, аз хурдсолӣ то бузургсолӣ аз худ намуда зинаҳои иҷтимоишавиро аз худ мекунад. Барои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, ташаккули шахсияти инсон давраи наврасӣ марҳилаи муҳими ҳаётӣ мебошад. Охирон, педагогикаи халқӣ-этнопедагогика педагогикаи таҷрибавӣ буда, он аз тарафи омӯзгорону волидон дар асоси баҳисобгирии синнусол, шароиту имконият, маҳорату малака ва хусусиятҳои фардии ҳар як тарбиягиранда мавриди истифодабарӣ қарор мегирад ва имконият медиҳад «таҷрибаи фарҳангӣ-таърихиро аз худ намояд, ки омили муҳими ташаккули тафаккур мебошад (Л.С.Виготский).

Боби дуюми диссертатсия масъалаи «Ватандӯстӣ ҳамчун сифати маънавӣ-ахлоқӣ ва хусусиятҳои тарбияи он дар наврасон»- ро дар бар гирифтааст. Дар зербоби аввал, ки «Ватандӯстӣ ҳамчун сифати ахлоқӣ-маънавӣ дар наврасон»- ро пайгирӣ гардидааст, таъкид мегардад: «сифати шахсиятии ватандӯстиро арзиши умумиинсонӣ номидан мумкин аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки панду андарзҳои классикони

адабиёти тоҷик, зарбулмасалу мақолҳо ва дигар омилҳои таъсиррасонии мақсадноки этнопедагогӣ ба ҳиссиёт, шуур ва амалу рафтори наврасон мувофиқат менамоянд, ба тарбия ва ташаккули қобилияту маҳорат, сифатҳои худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ҷаҳоншиносӣ мусоидат намуда барои омодагии онҳо ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии он, ки волотарин арзиши ахлоқӣ аст, мадад мерасонад. Бояд инсон дар низоми таҳсилот, махсусан наврасӣ, ки давраи гузариш аз хурдсолӣ (зинаи аввали таҳсилот) ба айёми наврасӣ бояд шакли муайяни рафтори иҷтимоиро ташаккул диҳад, ба сохтори таркибии ватандӯстиро ҳамчун категорияи маънавӣ-ахлоқӣ азхуд намояд.

Зербоби дуюми «Хусусиятҳои тарбия ва ташаккулёбии ватандӯстӣ дар наврасон» давоми мантиқии андешаҳои дар зербоби болоӣ буда, дар он чунин масоил мавриди пайгирӣ қарор дода шудааст:

•тавзеҳи мафҳуми наврасӣ хусусиятҳои инкишофи психофизиологии онҳо, хусусиятҳои ба худ хоси фардию иҷтимоиро ифода менамояд;

•таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, ки оид ба инкишофи шахсиятии наврасон арзёбӣ намудаанд. Вале то имрӯз ақидаи ягона роҷеъ ба ин масъала вуҷуд дорад, ки онҳо алоқаманд ҳастанд ба таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фаҳмиши хусусиятҳои фарқкунандаи наврасон аз ҷинсият, муҳити иҷтимоии оила, ҷомеа, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва муносибати калонсолон ба наврасон, хусусиятҳои фардӣ ва ғайраҳо.

•мушкилотҳои давраи гузариш аз як марҳилаи поёнии инкишоф ба зинаи болоӣ (аз хонандаи синфи ибтидоӣ ба наврасӣ), яъне тағйирёбии муносибатҳо дар муҳити иҷтимоӣ.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ, таҷрибаи тарбиявии волидону омӯзгорон дар тарбияи ватандӯстии баҳисобгирии чунин хусусиятҳои онро таъкид намудааст: ба гурӯҳҳо муттаҳидшавии хонандагон баъди хатми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; ба вуҷуд омадани тағйиротҳои психологӣ (ҷавоб ҷустан ба саволи «Ман кистам?») ва ҷисмонӣ – физиологӣ (дарозшавии қад, такмилёбии ҳаракатҳо, ба балоғатрасии ҷинсӣ); таваҷҷуҳи махсус ба шахсияти худ ва ҷинси муқобил); майлу рағбати мустақил будан ва баромадан аз мутеъият (аз волидону омӯзгорон), ба вуҷуд омадан ва шаклгирии сифатҳои худбаҳодиҳӣ, худназораткунӣ, зуҳуроти майлу рағбат ва маромҳои нав дар фаъолиятҳо, нигоҳ доштану устувор кардани мавқеи иҷтимоӣ дар доираи муошират муносибатҳо, васеъ гаштани донишу тасаввуротҳо ва шаклгирии ҷаҳонбинӣ, тезтағйирёбии фикру андешаҳо ва муносибат бо атрофиён ва ғайраҳо, ки баъзан онҳо амали рафторҳои номатлуб зери таъсири маводҳои намоишӣ, ҳамсолону калонсолон ва ғайраҳо. Дар

раванди тарбияи ватандӯстӣ дар наврасон баҳисобгирии хусусиятҳои фардию иҷтимоии онҳо хеле муҳим мебошад.

Боби сеюми диссертатсия масъалаи «Технологияи истифодаи этнопедагогика (педагогикаи халқӣ) дар тарбияи ватандӯстии наврасон»- ро ҷамъбаст намудааст. Дар зербоби аввал «Вазъи истифодаи технологияи этнопедагогӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» - роҳҳо ва воситаи тарбияи ватандӯстӣ чун технологияи педагогии таъсиррасонии иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ истифода мешаванд, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқу таҳлил карда шуда, дар зинаи баҳисобгирии натиҷаҳои ин марҳила кори озмоишӣ-таҷрибавӣ ташкилу баргузор гардидааст.

Дар зербоби дуюм «Ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ» пешниҳод карда шудаанд. Таҳлили маводҳои пешниҳодшуда самарабахшии кори озмоишӣ-таҷрибавиро таъкид намуда, дар ҷадвали алоҳида ҷой шудаанд.

Дар охир ба болоравии сатҳи донишҳо оид ба омилҳои педагогӣ дар рушди ҳиссиёт ва сифатҳои ватандӯстонаи хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ таъсиргузор будани таҷрибаи тарбиявии оила, ба фаъолияти якҷоя ҷалб кардани омӯзгорону хонандагон ва ғайраҳо таъкид гардида, зарурияти ба самти арзишманд роҳнамоӣ кардани тарбияи хонаводагӣ ва таълимгоҳ таъкид шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои пешрафти назария ва амалияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро имконият медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 номгӯй (дастури таълимӣ-методӣ – 1 номгӯ ва маҷмуаи мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 5 номгӯй ба табъ расидаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳангоми таҳлили таҳқиқотҳои илмии олимон оид ба масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии наврасон зиёдтар аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ истифода бурда мешуд.

2. Бисёр ба мавриди ва саривақтӣ мебуд агар дар замима намунаи нақша-чорабиниҳои беҳтарини омӯзгорони соҳибтаҷриба, барномаи намунавии чорабиниҳо роҷеъ ба тарбияи ватандӯстии наврасон илова карда мешуд.

3. Агар муҳаққиқ шаклҳои корҳои беруназсинфиро оид ба тарбияи ватандӯстии наврасон дар зербоби алоҳида таҳлилу баррасӣ менамуд ва бо он ворид намудани омилҳои этнопедагогиро тавсия мекард, кори диссертатсионӣ боз зиёдтар мегардид.

4. На дар ҳамаи саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он иҷрои қоидаҳои имло риоя карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида андешаи субъективии мо буда, онҳо сатҳ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобарин диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯи сохтору мазмун ба талаботҳои муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Одилзода Дилбар Раҳим дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика (педагогикаи халқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад. Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талаботҳо ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи бо талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти № 267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

26.06.2023, № 295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Одилзода Дилбар Раҳим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фароғатӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгори кафедраи таҳсилоти
томактабӣ ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саодати Раҳмоналӣ

24.05.2025

Маълумот барои тамос: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21; Тел: 988414661; E-mail: info@kgu.ti.

Имзои Саодати Раҳмоналиро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Амиров Ф.А.